**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Муқимов Сафарбек Давлатбекович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Муқимов С.Д. фарогирандаи ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад, ки дар марҳилаи кунунӣ мубрамияти бештарро пайдо намудааст. Зеро, баъди пош хӯрдани ИҶШС ва соҳибистиқлол гардидани ҶТ дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоии давлат тағйироти муҳим ба амал омадаанд, ки ба сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ, аз ҷумлаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ таъсир гузошт. Чунин ҳолат зарурати омӯзиши бештари ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатиро ба вуҷуд овард.

Бояд тазаккур дод, ки қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ яке аз ҷиноятҳои хатарнок ба муқобили саломатӣ мебошад, ки дар м. 111 КҶ ҶТ барои он ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар шудааст. Хавфи он пеш аз ҳама дар он аст, ки барои ҷамъият оқибати хатарнок дошта, ба солимии бардавоми инсон халал мерасонад. Ҳамзамон, ба ҷабрдида зарари маънавӣ низ расонида мешавад, ки метавонад ба зиндагии минбаъдаи инсон таъсири манфӣ дошта бошад. Саломатӣ гуфта, ҳолати беҳбудии пурраи ҷисмонӣ, руҳӣ ва иҷтимоӣ, набудани беморӣ ва нуқсонҳои ҷисмониро меноманд. Дар ҳолати зарар дидани саломатии инсон, аз як тараф, ҷисми ӯ дучори ҷароҳат мешавад ва аз тарафи дигар, хатари марг ва ё аз даст додани қисме аз саломатии худ ба ӯ таҳдид менамояд. Инсон танҳо дар сурати пурра солим будан метавонад аз ҳуқуқу озодиҳои худ истифода бурда, ҳамчун инсони комил дар

муносибатҳои ҷамъиятӣ ширкат варзад. Бинобар ин, саломатӣ барои инсон неъмати бебаҳо маҳсуб шуда, зарар расонидан ба он на танҳо ба саломатии як шахс, балки ба саломатии аҳолӣ низ хатар дорад. Аз ин рӯ, омӯзиши ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ (м. 111 КҶ ҶТ) ва паҳлуҳои дигари он барои амалия ва назария мубрам ба ҳисоб меравад.

Маврид ба зикр аст, ки новобаста аз ин муқаррарот қонунгузорӣ оид ба ҳифзи саломатӣ, махсусан ҷавобгарии ҷиноятӣ барои зарар расонидан ба саломатӣ аз камбудиҳо орӣ нест. Бинобар ин, таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба масъалаи мазкур аҳаммияти калони назариявию амалӣ дорад.

Дар баробари дастовардҳои зиёди назариявию амалӣ дар баъзе аз қисматҳои қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарар ба саломатӣ ҳанӯз нуқсонҳо мавҷуданд, ки таҳқиқоти алоҳидаро тақозо менамоянд. Ҳолати имрӯза ва дурнамои рушди минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарар ба саломатӣ, аз мубрамияти бештари мавзуи таҳқиқшаванда дарак медиҳад.

Ҳамчунин, аз таҳлил ва баррасии диссертатсияи Муқимов С.Д. чунин хулоса намудан мумкин аст, ки он дар ҳамбастагӣ бо омӯзиши таҷрибаи судӣ оид ба татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ ба анҷом расида, диссертант мушкилиҳоеро, ки ба масъалаи мазкур дар марҳилаи муосири инкишофи ҷомеа монеа эҷод мекунанд, ошкор намуда, пешниҳодҳо ва тавсияҳои мушаххаси илман асоснокро ироа менамояд.

Гуфтаҳои болозикр бори дигар шаҳодат аз он медиҳанд, ки дар замони имрӯза омӯзиши паҳлуҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ мубрам буда, саривақтӣ будани таҳқиқоти диссертатсионии диссертантро исбот менамоянд.

2. Диссертатсия таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа,

нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария, такмили қонунгузорӣ, бартараф намудани мушкилоти таҷрибаи судӣ дар ин самт ва раванди таълим ба таври фаррох истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Бинобар ин, қайд намудан имконпазир аст, ки диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мувофиқ буда, ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019, ки мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи қабули диссертатсияҳоро барои ҳимоя дорад, пешниҳод шудааст.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 12 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Муқимов С.Д. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровარда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Муқимов С.Д. маълумоти ғайрисаҳеҳ дида намешавад.

Банди 61-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Муқимов Сафарбек Давлатбекович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ

тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

**Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳамитович** – дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ;

**Сафарзода Ҳаёт Сайдамир** – профессори кафедраи пешгирии терроризм ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия – муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Санаи ҳимоя 16 сентябри соли 2023 соати 10:00 таъин карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Назаров А.Қ.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Азиззода У.А.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Мирзамонзода Х.М.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ



4. 07. 2023 сол